20___ A
Alisher Navoiy nomidagi O'zbekiston MK

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешини рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

18 марти соли 2020. Чоршанбе № 24 (14623)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГӢ ОИД БА РУШДИ МИНБАЪДАИ СОҲАИ НОШИРӢ ВА МАТБАА

Дар ҷумҳурӣ оид ба такмил додани низоми дастгирии соҳаи нашриӣ ва матбаа, рушди бозори маводи чопӣ корҳои васеъмиқёс ва низомнок гузаронда мешаванд.

Ҳамзамон, вазъи кунунии соҳаи нашриӣ ва матбаа пурзӯр гардондани рақобатро байни ташкилотҳои нашриӣ ва матбаа, пешгирии вайронкунии ҳуқуқи муаллиф, маҳдуд кардани нашри маҳсулоти пастсифат, аз нав дида баромадани нашри китобҳои дарсӣ ва маҷмӯъҳои таълимию методиро тақозо дорад.

Бо мақсади якбора коҳиш додани дахолати давлат, инчунин фароҳам овардани фазои мусоиди корӣ дар соҳаи нашриӣ ва матбаа, таъминоти китобҳои дарсии баландсифат ва маводҳои таълимиву услубӣ барои муассисаҳои таълимӣ:

1. Пешниҳодҳои Вазорати иқтисод ва саноат, Вазорати молия, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавии назди Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон (минбаъд Агентӣ) оид ба:

аз 1 октябри соли 2020 бекор кардани танзими давлатии нарх (муқаррар кардани сатҳи ниҳоии даромаднокӣ) ҳангоми интишори (аз нав чоп кардани) китобҳои дарсӣ ва маҷмӯъҳои таълимию методӣ барои муассисаҳои таълимӣ аз ҳисоби маблағи буҷети ҷумҳуриявӣ ва Фонди ҷумҳуриявии китобҳои мақсаднок;

аз 1 июли соли 2020 ҷорӣ кардани **системаи огоҳ кардани мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бораи оғози фаъолияти нашриӣ ва матбаа** бо бекор кардани тартиби додани иҷозатномаҳо барои фаъолияти иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи табъу нашр, инчунин тартиби додани иҷозат барои фаъолияти чопӣ;

аз 1 январи соли 2021 бекор кардани **маблағи ҷудошуда ба фонди «Ижод»**-и назди Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон бо пули савдо, ки аз фурӯши маводи чопии корхонаҳои табъу нашр ва матбаа, инчунин пешниҳоди хидматҳои таҳririӣ, нашриӣ ва матбаа вобаста ба истеҳсол ва фурӯши маводи чопӣ мерасанд, маъқул дониста шавад.

2. Тартибе муқаррар карда шавад, ки мувофиқи он:

корхонаҳои табъу нашр ва матбаа, аз ҷумла корхонаҳое, ки фармоишҳои давлатиро иҷро мекунанд, сиёсати нархро **озодона дар асоси механизмҳои бозор** ташаккул медиҳанд;

аз 1 сентябри соли 2020 мутобиқи **қонунгузории хариди давлатӣ** омодагӣ ба чоп ва нашри маводи чопӣ, аз ҷумла китобҳои дарсӣ ва маҷмӯъҳои таълимиву методӣ ба тартиби дар бораи харидҳои давлатии мувофиқи қонунгузорӣ муқаррашуда амалӣ карда мешавад, ки он инчунин ба иштироки ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон имкон медиҳад. Бо ин тартиби мазкур барои фармоишгарони корпоративӣ ҳатмӣ мебошад;

огоҳонидани мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бораи оғози фаъолияти табъу нашр ва матбаа аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ тавассути системаи автоматикунондашудаи иттилоот амалӣ карда мешавад.

3. Бо пешниҳоди Вазорати иқтисод ва саноат, Вазорати молия, Агентӣ ва Агентии идоракунии активҳои давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи:

ба Агентии идоракунии активҳои давлатӣ барои ба тартиби муқаррагардида барои хусусигардонӣ додани корхонаҳои давлатии «Хонаи эҷодии табъу нашр ва матбааи **«Ӯзбекистон»**, «Хонаи эҷодии табъу нашр ва матбааи ба номи **Ғафур Ғулом»** ва «Хонаи матбааи **«Ӯқитувчи»**;

ба истифодаи самаранок ба Агентии идоракунии активҳои давлатӣ супурдани корхонаи давлатии **«Чопхонаи нобиноҳо»**;

қатъ намудани фаъолияти корхонаи давлатии «Маркази табъу нашри илмии методии **«O'gituvchi»**, инчунин нашриётҳои системаи воҳидҳои ҳудудии Агентӣ (ба истисноии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон);

таъсиси корхонаи давлатии **«Ӯзбекистон нашриёти»** дар низоми Агентӣ, ба он ҳамроҳ намудани корхонаи давлатии «Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чӯлпон ва «Нашриёти давлатии илмии «Ӯзбекистон миллий энсиклопедияси», инчунин ба корхонаи давлатии «Ӯзбекистон нашриёти» додани пойгоҳи нашириии корхонаи давлатии «Хонаи эҷодии табъу нашри «Ӯзбекистон», аз ҷумла ҳуқуқи фавқулодда ба объектҳои моликияти зеҳнӣ розигӣ дода шавад.

Комиссияи давлатӣ оид ба гузарондани савдоҳои тендерӣ ҳангоми фурӯши амволи давлатӣ (А.Н. Арипов) дар тӯли ду ҳафта ҷадвали баҳодиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ, ба савдо гузоштан ва барҳамдиҳии корхонаҳои давлатиро, ки дар банди мазкур пешбинӣ шудааст, тасдиқ кунад.

4. Агентии идоракунии активҳои давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон:

а) дар мӯҳлати як моҳ тибқи тартиби муқаррагардида корхонаҳои давлатии «Хонаи эҷодии табъу нашр ва матбааи «Ӯзбекистон», «Хонаи эҷодии табъу нашр ва матбааи ба номи Ғафур Ғулом», «Хонаи матбааи «Ӯқитувчи» ва «Чопхонаи нобиноҳо» -ро қабул намояд;

б) дар тӯли ду моҳ бо ҷалби ташкилотҳои байналмилалии аудиторӣ ва машваратӣ:

нақшаи чорабиниҳоро оид ба омодагӣ ба хусусигардонӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти корхонаҳои нашр ва полиграфия бо иштироки давлат тасдиқ карда, санаҳои мушаххаси ҳар як чорабинӣ ва шахсони масъулро муайян намояд;

бо тартиби муқаррагардида ба Девони Вазирон оид ба истифодаи самарабахши амволи корхонаҳои табъу нашр ва матбаа, ки ба фурӯш нарафтааст ва барҳам дода мешаванд, пешниҳод тақдим намояд.

5. Муқаррар карда шавад, ки:

ҳуқуқҳои комилан муаллифии созмонҳои нашириии аз байн бардошташавандаи Оҷонсӣ (ғайр аз ҳуқуқ барои китобҳои дарсӣ ва маҷмӯъҳои таълимиву услубӣ) ба Корхонаи давлатии навтаъсиси «Ӯзбекистон нашриёти» дода мешаванд;

ҳуқуқи дарамали муаллифӣ (нашриӣ)-и комил барои китобҳои дарсӣ ва маҷмӯъҳои таълимиву услубии созмонҳои нашириии Оҷонсӣ бидуни подош ба Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дода мешаванд;

маҳсулоти чопӣ барои муассисаҳои таълимӣ мувофиқи талаботи регламенти техникӣ бояд ҳатман тасдиқ карда шаванд.

6. Ба вазири таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои қабул кардани қарор дар бораи муқаррар намудани муҳлатҳо (даврагии нашрияҳои нав ва чопи такрории онҳо), истифода аз китобҳои дарсӣ ва маҷмӯъҳои таълимию услубӣ барои тамоми синфҳои муассисаҳои таълими миёнаи умумӣ, мактабҳои махсус ва мактаб-интернатҳо барои кӯдакони аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва рӯҳӣ нуқсондор, ҳамчунин мувофиқи ризоият бо Вазорати молия дар бораи нашри иловагии китобҳои дарсӣ ва маҷмӯъҳои таълимию услубӣ барои тамоми синфҳои муассисаҳои таълими миёнаи умумӣ ҳуқуқ дода мешавад. Дар ин маврид ба тағйироти беасосӣ мазмуну муҳтавои китобҳои дарсӣ ва маҷмӯъҳои таълимиву услубӣ роҳ дода намешавад.

(Давомаш дар саҳ.2).

Таҳлил, танқид, таклиф

КОР БО ОДАМОНИ КАЛОНСОЛ ЧӢ ТАРЗ?

Бо пешниҳоди Президент соли равон низоми мукаммал ва самарабахши кор бо одамони калонсол коркард хоҳад шуд. Аз нав дида баромадани миқдори нафақаҳои пиронсолӣ, пурзӯр сохтани дастгирии моддӣ ва ҳифзи иҷтимоии солхӯрдагон, хусусан, шахсони танҳо ва ба нигоҳубин муҳтоҷ мавриди назар мебошад. Дар Мурочиатнома баробари якчанд масъалаи муҳим, кор бо куҳансолон низ аз эътибор дур намонд ва роҳбари давлати мо дар таъиноти нафақа ба одамони калонсол зарурияти ба бонки электронии маълумот гузаронида шудани хазинаи бойгонии давлатиро таъкид кард. Ин ба шахсоне, ки ба синни нафақа расида ва барои дарёфти нафақаи пиронсолӣ ҳуҷҷат омода карданианд, қулаии зиёд меофарад. Дар системаи наве, ки таъсис меёбад, барои шаҳрванд пешниҳод сохтани паспорт кифоя аст.

Коркарди консепсияи куллан ислоҳсозии сохтори таъинот ба нафақа асосан бо се мақсад корбаст мегардад. Якум, таъмини бисёрдаврӣ ва васеъдараҷагии сохтори таъминоти нафақа, ки аз ҷониби давлат пардохта мешавад. Дуюм, гузариш ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба тарзи минималӣ, яъне кофӣ будани нишон додани паспорт барои гирифтани нафақа. Сеюм, ташаккул додани системаи хазинаи маблағҳои ҷамъшудараванда, ки ихтиёран корбаст мегардад.

Дар кор карда баровардани консепсияи куллан ислоҳсозии таъиноти нафақа, зимнан, офаридани ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ, яъне барпои базаи ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, ки чун дастуруламал хидмат мекунад, хеле муҳим. Қонун дар бораи таъиноти нафақаҳои шаҳрвандон, ки соли 1993 қабул карда шуда буд, ба талаботи имрӯза ҷавоб намедиҳад.

Дар баъзе моддаҳои ин қонун меъёрҳои адолат ё ҳуд имтиёзот дар муайянсозии миқдори нафақапулӣ халалдор гашта буданд. Дар ин байн ҳаққи меҳнат, стипендия ва нафақа якчанд бор бардошта шуданд. Болоравии нархи наво, фуромадани қурби пул низ ба ҳамаамон маълум. Вобаста ба дигаргуниҳо корбасти ҳисобу китоби нави нафақапулиҳо ба мутасаддиёни идораҳои ҳифзи меҳнат ва таъиноти иҷтимоӣ мушкилоти зиёд офарид.

Маълум, ки соли 2019 қонун «Дар бораи ворид сохтани дигаргунӣ ва иловаҳо ба баъзе ҳуҷҷатҳои қонунии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» ба имзо расид. Мувофиқи моддаи якуми ҳуҷҷати мазкур ба қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи таъминоти пенсияи давлатӣ ба шаҳрвандон» як қатор дигаргунӣ ва иловаҳо даровард шуданд. Акнун шахсоне, ки дар манзил-колонияҳо ҷазои муддатнокро мегузаранд, вақте ба синни нафақа расиданд, баробари шахсоне, ки дар озодианд, ба пенсия таъин шуданашон мумкин. Дар баробари ҳамин мувофиқи қонуни нав пенсияашон, ки баъди маҳкумӣ дошта шуда буд, аз нав барқарор мегардад. Барои ба умум дастрас гардонидани мазмуну моҳияти дигаргуниҳо дар қонуни болоӣ имрӯзҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ пеш бурда ва дар чӣ гуна тартиб ба маҳкумон таъин сохтани нафақа шарҳ дода мешавад.

Бунёди нафақаи берун аз буҷаи назди Вазорати молия дар ин самт таҳти ҳамдастӣ бо Сарпрокуратура, Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати шуғл ва меҳнат чорабиниҳо доир менамоянд.

Душвории ғун кардани ҳуҷҷатҳо барои нафақабаҳои маълум. Шахс агар ба шаст даромад, вай бештар аз чиҳил сол дар соҳаҳои гуногун хидмат мекунад. Дар як ҷо не, дар ҷойҳои гуногун, ҳатто дар минтақаҳои дуру наздик фаъолият бурдани шаҳрвандони мо, ҳамчунин, дар ҷамъ овардани маълумотҳои даркорӣ мушкилоти зиёд тавлид месозад. Корхонаҳо дар ин байн аз фаъолият бозмемонанд ё ба ҷои дигар мекӯчанд. Дар арафаи пошхӯрии собиқ иттиҳод ва солҳои аввали истиқлолият ин гуна ҳолатҳо бисёр ба вуқӯъ пайваст. Масъалан, дар ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона обанбор ва фабрикаи пойафзор, ки ҳазорон нафар коргар доштанд, баста шуданд. Ходимони ин корҳоҳо, аснои банафақабаҳо, сарсону саргардон. Ба кадом архив мурочиат сохтани ҳудро надониста, маҷбуранд аз идораҳои болоӣ кӯмак пурсанд. Бойгонии давлатӣ дар ҳуди ноҳия мавҷуд, вале аз чӣ бошад дар фабрикаи пойафзор коркардаҳоро ба ноҳияи Олтиариқ, ки 150 километр дуртар воқеъ, мефиристанд. Аз ноҳияи наздисарҳад то Олтиариқ рафта-омадан кори осон нест. Ва ин кор бо як бор рафтану омадан ҳал намешавад. Чустучӯ ва расмӣ сохтани маълумотномаҳо вақт талаб мекунад. Навбатпоӣ. Ҳолдонҳо мегӯянд, барои он ки бисёр сарсон нашавӣ ё вақт бой надиҳӣ, дасти хушк нарав, дароз кун...

Чуз ин ходимони архиви Олтиариқ аз собиқадорони фабрикаи пойафзори Сӯх, ки ба басташавиаш 25 сол шудааст, рақами рухсатнома ва табел талаб мекарданд. Кӣ дар хотир нигоҳ медорад ин рақамро? Рақам набошад, чӣ тавр рӯйхати шуморо аз байни ин ҳуҷҷатҳои зиёд меёбем? – ба маънии «илоҷ нест» ба корафтода менигаристаанд онҳо.

Ин дарди бахайр. Тӯли солҳои дароз дар Сӯх сехи консервбаророӣ вуҷуд дошт. Баъде сех аз фаъолият монд, дар даврае, ки ҳуҷҷатҳои нафақахӯрҳо аз нав дида баромада шуда, маълумот ва ҳуҷҷатҳои қалбакӣ фош гардида, нафақаҳои ғайриқонунӣ додашуда бозгардонда мешуданд, тамоми ҳуҷҷатҳо ба таври асорангез ғум шуданд. Акнун тасаввур кунед ҳоли садҳо коргаронеро, ки бо гузашти солҳо ба синни нафақа расиданд, вале дар ягон архив нафаре ба доди онҳо намерасад. Маҷбуранд ба суд мурочиат кунанд. Ба суд, ки низ дар ноҳияи дигар аст, аз Сӯхи дар иҳотаи сарҳадҳои давлатӣ то он равуо осон нест. Бо «ман кор кардаам» мурод ҳосил намешавад. Гувоҳ лозим, забонхату баёноти зиёд лозим. Ду сол қабл, аснои дар зодгоҳ буданам, бо як шиносам, ки дар сехи консерв коргари оддӣ не, чун яке аз ходимони пешбар фаъолият мебурд, вохӯрдам. Суд бенатиҷа монд, гуфт вай, ки сахт афтодарӯҳ ба назар мерасид.

Ҷорӣ шуда истодани тартиби нав дар системаи нафақа шаҳрвандонро аз ташвиши ғун кардани ҳуҷҷат ва маълумотномаҳои зиёд ва ғум кардани вақт халос мекунад. Тавре зикр намудем, хидматгузории тарзи электронӣ ва хазинаи бойгонии давлатӣ аз шаҳрванд паспорт талаб менамояд халос. Консепсияи куллан ислоҳсозии сохтори таъинот ба пенсия ва миқдори нафақаҳо, тавре ин низ қайд гашт, аз нав дида баромада мешавад.

Аз соли 2019 аз рӯи 8 не, аз рӯи 10 баробар ҳадди ақалли меҳнат ҳисобу китоб карда шудани нафақаҳо ба нафақагирҳо, бинобар боло рафтани миқдори нафақа, мамнунӣ бахшид. Вале онҳое, ки нафақаи кам мегиранд, аз ин дигаргунӣ суд надиданд. Ҳуб мешуд тағйирот ба миқдори пенсияи онҳо низ таъсир мекард.

Ба онҳое, ки нафақаи ночиз мегиранд, ҷубронпулӣ (ҳаққи нон) илова карда мешавад, ки бисёр маъқул. Вале шахсоне, ки нафақааашон саҳл бештар, аз ин имтиёз маҳрум. Дар натиҷа тӯли умр ҳамагӣ ҳафт сол собиқаи коридошта ва бештар аз сӣ сол дар корхонаҳои гуногун фаъолиятбурда ҷариб як хел пенсия мегирифтагӣ шуданд, ки ин аз рӯи адолат нест.

Даҳон пур мекунем, ки нисф бештари аҳолии мамлакатамонро ҷавонон ташкил менамоянд. Ин ҳуб. Вале пиронсолон чанд фоизи аҳолиро ташкил мекунанд? Аз 34 миллион нафар аҳолӣ 70-80-90 солаҳо чанд миллионро ташкил месозанд, яъне дар мо дарачаи дарозумрӣ дар чӣ поя? Вақти он аст мо ба фоизҳои баландро ташкил намудани пиронсолони ҳуд бифахрем, ки воқеан пири бадавлатанд.

Пири бадавлатии онҳо, зимнан, самараи ислоҳот ҳоҳад буд, ислоҳоте, ки қабл аз ҳама ба баланд бардоштани дарачаи зиндагӣ нигаронида шудааст.

М. ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

ТО ҲОЛ МАНБАЪҲОИ НАВИ ЭНЕРГИЯ КАМ ИСТИФОДА МЕШАВАНД

Дар вилояти Фарғона ба истифодаи манбаъҳои нави энергия ва васеъ ҷорӣ намудани кашфиётҳои инноватсионии самти мазкур эътибори махсус дода мешавад.

Дар мачрои рӯди Фарғонаи ҷанубии маҳаллаи Толмозори ноҳияи Қува сохтмони нерӯгоҳи барқи обии иқтидораш 300 кВт/соат анҷом ёфт. Иқтидори нави истеҳсолӣ имкон медиҳад аҳолӣ ва соҳаҳои истеҳсолот бо манбаи босифату арзони энергия таъмин шаванд.

Боз як навгонӣ: дар ҳудуди Мингчинори рӯди Фарғонаи шимолӣ нерӯгоҳи насосӣ бунёд меёбад, ки бидуни электр кор мекунад. Агар саҳеҳтар гӯем, ин осиёб аз ҳисоби мавҷи об ба ҳаракат меояд. Вай метавонад оброи бо кӯмаки поршенҳои махсус то ба баландии 70 метр бардорад. Лоиҳае, ки дар ҳамкорӣ бо хоҷагии фермерии «Баҳор»-и ноҳияи Қува татбиқ мегардад, барои обёрии зироат, баланд бардоштани маҳсулнокии хок дар ҳудудҳои душвортаъмини васл ба манбаи қувваи электр имконият фароҳам меоварад. Ғайр аз ин бобати сохтмони ниругоҳи барқи обии кӯчак дар мачрои дарёи Исфайрам, ки аз шаҳри Қувасой мегузарад, таклифҳо пешниҳод шуданд. Он ба истеҳсоли энергияи электрии аз ҷиҳати экологӣ тоза ва арзон дар мачрои обҳои ҳаҷмашон кам мусоидат менамояд.

– Дар вилояти мо барои қонеъ гардонидани истеъмолгарон ба қувваи барқ аз тариқи коркарди манбаъҳои нави энергия имкониятҳои зиёд мавҷуданд, – мегӯяд профессори Донишкадаи политехникии Фарғона, доктори илмҳои техникӣ Сироҷиддин Эргашев. – Вале мо аз онҳо ба тарзи бояду шояд истифода намебарем. Танҳо дар шабакаҳои обёрии «Сирдарё – Сӯх» метавон зиёда аз 230 нерӯгоҳи кӯчаки барқи обӣ барои гирифтани энергияи нав бунёд кард. Ғайр аз ин баъди барқарор шудани фаъолияти нерӯгоҳҳои гидроэлектрии «Кудаш», «Водил», «Болтакӯл», «Қува», ки то солҳои панҷоҳуми асри гузашта амал мекарданд, метавон аз манбаъҳои нави энергетикӣ нерӯи барқ гирифт. Алҳол бобати такмил додани фаъолияти нерӯгоҳи гидроэлектрии «Кудаш»-и ноҳияи Ӯзбекистон иншооти нави иқтидораш 200 кВт/соат ба истифода дода шуд.

Воқеан, аз ҳисоби тадқиқоти амалии олимони мо микёси кашфиётҳои илмие, ки ба ҳаёт татбиқ карда мешаванд, вусъат пайдо мекунад. Бобати тайёр кардани истгоҳҳои офтобии электрӣ барои хоҷагиҳои фермерии моҳипарварӣ ва гармхонаҳо кор бурда мешавад.

Бинобар баланд бардоштани самаранокӣ ва дастгирӣ намудани лоиҳаҳои нав оид ба гирифтани энергияи нав нақши Маркази инноватсионии ҷавонони назди Вазорати рушди инноватсионӣ бузург мебошад. Мувофиқи ташаббуси он кори ба ҳаёт татбиқ сохтани 10 лоиҳаи пешомаднок оғоз ёфт.

Бояд таъкид намуд, ки алҳол танҳо ду фоизи тамоми нерӯи электрие, ки барои қонеъ сохтани талаботи аҳолии вилояти Фарғона хидмат мекунанд, ба ҳиссаи энергияи нав дахл дорад.

М. СУЛАЙМОНОВ,
хабарнигори ӮзА.

Дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Imron Nika»-и ноҳияи Олоти вилояти Бухоро аз омехтаи нахи пахта ва полиэстер калоба истеҳсол карда мешавад. Корхонаи фаъолияташро аз сари соли равон оғознамуда дар як моҳ 71 тонна маҳсулот тайёр карда метавонад. Дар ин ҷо 135 нафар дар чор баст кор мекунанд.

Дар акс: *дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Imron Nika».*

Аксбардор: Тоҳир ИСТАДОВ (ӮзА).

БАРОИ ВОҲИМА САБАБЕ НЕСТ

Ҳокими вилояти Сурхондарё Тӯра Боболов аз бозорҳои марказии деҳқонии шаҳри Тирмиз ва ноҳияҳо боздид ба амал оварда, бо чораҳое, ки бар муқобили бидуни асос боло бардоштани нархҳо истифода мешаванд, шинос шуд.

Ба роҳбарони ташкилоти масъул супориш дода шуд, ки вазъиятро дар бозорҳо таҳти назорати қатъӣ қарор диҳанд, нисбати бидуни асос баланд бардоштани нархҳо чораҳои қатъӣ бинанд, ба «сарватманд» гардидани баъзе соҳибкорони бевиҷдон вобаста ба вазъияти фароҳамомада роҳ надиҳанд.

Ҳоким дар бозори марказии деҳқонии «Яшил дунё»-и шаҳри Тирмиз бо фурӯшандагону харидорон ҳамсӯҳбат шуд. Бинобар роҳ надодан ба воҳима, бидуни асос боло бардоштани нархи наво мубодилаи афкор ба амал омад.

– Дар кишвари мо бобати бидуни талафот паси сар намудани касалии коронавирус тамоми чораҳо андешида мешаванд, – гуфт Тӯра Боболов. – Ман ин суханонро на барои дилбардории шумо, балки бо назардошти хабардорӣ аз вазъият мегӯям. Маҳсулоти изофавии хӯрокворӣ, доруворӣ ва молҳои дигарро харид накунед. Дар вилояти мо ҳаёти орому осуда идома дорад. Барои воҳима асосе нест. Фикр дар бораи он ки агар маҳсулотро дар ҳаҷми зиёд харид кунем, ин боиси баланд гардидани нархи наво мешавад, асосе надорад. Ягон бозор, дукони савдо ё ҳуд нуқтаи хӯрокхурӣ пӯшида намешавад. Ҳамчунин ба бидуни асос ба баланд бардоштани нарх роҳ дода нахоҳад шуд.

Вазъият дар бозор ва мағозаҳо таҳти назорати доимии ҳокимияти вилоят қарор дорад. Дар маҳалҳо аз ҷумлаи кормандони департаменти назди прокуратура ва мақомоти андоз ситодҳои махсус ташкил гардидаанд. Дар маркази Тирмиз ва ноҳияҳо бозорҳои хӯрокворӣ амал мекунанд. Барои ин дар минтақа захираи зарурии хӯрокворӣ мавҷуд мебошад.

Холмӯъмин МАМАТРАИМОВ,
хабарнигори ӮзА.

КӮМАКИ БАШАРДӮСТОНА БА ЭРОН

Тибқи супориши алоҳидаи Президенти мамлакатамон ба мақсади расондани кӯмак дар интиқоли таҷҳизоту воситаҳои зарурӣ барои рафъи паҳншавии коронавирус ва ҳамаҷониба мубориза бурдан бар зидди он аз Фурудгоҳи байналмилалии Ислом Каримови «Тошканд» ба Ҷумҳурии Исломии Эрон кӯмаки башардӯстона ирсол гардид.



12 марти соли 2020 фармоиши дахлдори Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба имзо расид.

— Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати расондани ёрии амалӣ дар дастрас намудани маводи зарурии тиббӣ ва воситаҳои рафъи сироят коронавируси «COVID-19» мурочиат намудааст, — мегӯяд Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ӯзбекистон Ҳамид Наерободӣ. — Дар саросари ҷаҳон паҳн шудани коронавирус озмоиши бузург мебошад. Дар ин рӯзҳо мо бояд ҳамдигарро дастгирӣ карда, дилсӯз бошем. Дар фарҳанги кишварҳои мо як мафҳуми умумӣ вуҷуд дорад: дӯсти ҳақиқӣ дар мушкилӣ шинохта мешавад. Мо хеле хушнудем, ки вақте ба сари эрониён мусибат омад, дар душвортарин рӯзҳо Ӯзбекистон яке аз аввалинҳо дасти ёрӣ дароз карда, ба мо кӯмаки башардӯстона ирсол намуд. Ин кӯмаки саховатмандона ба Эрон дар арафаи ҷашни Наврӯз расонида шуд, ки эрониҳо ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳанд кард. Аз номи халқ ва ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон ба ҳукумати Ӯзбекистон, халқи бародари кишвари шумо ва Президенти он Шавкат Мирзиёев барои кӯмаки башардӯстона изҳори сипосгузории самимӣ мекунем. Умедворем, ки тамоми ҷаҳон якҷоя коронавирусро мағлуб хоҳанд кард.

Аз Эрон 14 ронандаи мошини боркаш, инчунин соҳибкорон ва донишҷӯён – ҳамагӣ 31 нафар ҳамватанонамон баргардонида мешаванд.

Тавре ки шумо медонед, қаблан Ӯзбекистон ёрии башардӯстона фиристода буд. Ҳамин тавр, тибқи фармоиши Президенти мамлакати мо аз 11 февраль соли равон дар бораи расонидани кӯмаки башардӯстона ба Ҷумҳурии Халқии Чин аз 12 феврал ба музофоти Хубэйи Чин лавозимоти тиббии зарурӣ – дастпӯшҳои тиббӣ, корҷоҳо, ҳаҷмҳо, спирт, гелҳои гигиенӣ ва доруворӣ мебошанд.

Вазорати ҳолатҳои фавқулодда масъули ташкил ва расонидани кӯмаки башардӯстона таъин шудааст. Барои супурдани он ду духтури ҳарбии вазорат ба Эрон равона шудаанд.

— Ҳаёт аз рӯзҳои шодӣ ва ғамовар иборат аст, — мегӯяд Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ӯзбекистон Ҳамид Наерободӣ. — Дар саросари ҷаҳон паҳн шудани коронавирус озмоиши бузург мебошад. Дар ин рӯзҳо мо бояд ҳамдигарро дастгирӣ карда, дилсӯз бошем. Дар фарҳанги кишварҳои мо як мафҳуми умумӣ вуҷуд дорад: дӯсти ҳақиқӣ дар мушкилӣ шинохта мешавад. Мо хеле хушнудем, ки вақте ба сари эрониён мусибат омад, дар душвортарин рӯзҳо Ӯзбекистон яке аз аввалинҳо дасти ёрӣ дароз карда, ба мо

ОВОЗХОНИИ БАХШИЁНА — АРЗИШИ ТАЪРИХӢ

Эҷодиёти шифоҳии халқ бо ғановатмандӣ ва бардавомии худ мавқеи алоҳидаро дорад. Он хазинаи бузург буда, ҷавононро дар рӯҳи муҳаббат ба Ватан, ҳурмату эҳтиром ба анъанаҳои миллӣ ва пос доштани арзишҳо даъват мекунад.



Таърихи достонсарой бо таърихи этникии халқ алоқаманд буда, дар тӯли асрҳо ба ташаккули эҷодиёти халқ ва тафаккури иҷтимой вобастагӣ дорад. Достонҳои «Кунтуғмиш», «Алпомиш», «Маликаи айёр», «Рӯзҳоям», «Ошиқ Ғариб ва Шоҳсанам» ва ғайра, ки силсилаи достонҳои «Гӯрӯғлӣ»-ро ташкил медиҳанд, манбаи офариниши ҳазорҳо ҷавоҳири сухан – осори шифоҳии халқ гардидаанд. Дар байни достонҳо «Алпомиш» шоҳасар ба шумор рафта, соли 1999 бо қарори ЮНЕСКО ҷашн гирифтани ҳазорсолагӣ ва чуқур омӯхтани таърихи пайдоиши он ҳодисаи фаромӯшнопазир гардид.

Достонҳои халқӣ, ки аз ҷониби шоирони бахшӣ аз авлод ба авлод гузашта, то ҳол сароида мешаванд, хазинаи маънавии халқ ба шумор меравад. Аксар вақт дар навиштаҳои гуногуни гирду атроф, кӯчаву хиёбонҳо ва ҳатто рӯйи дафтарҳо хатоҳо мушоҳида мешаванд. Аксари хонандагон аз аломатҳои диакретикии забон истифода намебаранд. Аз ҳамин сабаб, маълумотҳои зерро аз бар намудан ва истифода кардан судбахш аст.

Аломат ҳарфе, ки дар калима танҳо бо мақсади муайяни тарзи талаффуз навишта мешавад. Масалан, аломати сакта (таърих, масъала), аломати ист (вергул, дунуқта, сенуқта) ва ғайра.

"Диакретика" калимаи юнонӣ буда, маънои "фарқкунанда"-ро дорад. Гурӯҳи аломатҳои иловагии ҳарфҳо, ки ба тарзи дигар хонда шудани онҳоро нишон медиҳад. Масалан, дунуқта дар болои ҳарфи **"е"**, нимтире дар болои ҳарфи **"у"**, думчаи ҳарфҳои **"к , х , ч"** аломати диакретикӣ буда, талаффузи тамоман дигари он ҳарфҳоро нишон медиҳад: **ё, ӯ, қ, ҳ, ҷ, ғ, ӣ, й.**

Аломати гузариш – навъи дигари аломат буда, аз сатр ба сатр гузаштан мебошад. Дефис, яъне нимтире дар вақти тақсимоти калима ва аз як сатр ба сатри дигар гузаронидан байни ҳиҷоҳо гузошта мешавад. Масалан, **Ӯз-бе-кис-тон**.

Ҳоло на ҳамаи хонандагон ба ин қоидаҳо амал карда, фикрро рӯйи коғаз дуруст меоранд. Албатта, дар ин равия дарси забон мавқеи муҳимро дорад.

Дар дарсҳои забони модарӣ, баробари дигар нозукиҳои забон, аломатҳо ҳам омӯзонида мешаванд. Барои пурра фаҳмонидани аломатҳои диакретикӣ ба донишомӯзон, новобаста ба мавзӯи нақшаи дарс, ба имлои диакретикӣ эътибор додан, самараи хуб медиҳад. Инчунин, ба сифати таҷҳизоти дарсӣ аз рӯзнома, асари бадеие, ки ҳикояҳои хурд дорад, истифода намудан натиҷаи босамар медиҳад. Чунки дар навиштаҳои оддӣ, навиштани рӯйи рӯзномаи рейтингии хонанда ва дафтарҳои даврию назоратӣ зина ба зина хато кам мешавад.

Дар ҷашнвораи ҳазорсолагии «Алпомиш» ба бахшиён ин баҳо беҳуда дода нашудааст: «Шоирони бахшӣ забони бурраи халқи худ ҳастанд». То ҳол номҳои достонсароён Ёдгорбахшӣ, Аминбахшӣ, Эргаш Ҷуманбулбул, Фозил Йӯлдош, Пӯлканшоир, Бекмурод Ҷӯрабойӯғлӣ, Бердибахшӣ, Қодирбахшӣ, Очил Махсум ва Рӯзимуродро бо эҳтиром ба забон мегиранд.

Шоир Шавкат Бобомурод баробари омӯхтани мактаби бахшиён, аз падару писар Саидмурод ва Дилмурод – бахшиёни сирдарёӣ, ки дар деҳаи Ғаллакори ноҳияи Навободи вилояти Самарқанд истиқомат доранд, сабақ гирифт ва имрӯз ба рушди санъати бахшигарӣ ҳиссаи худро мегузорад. Китобҳои шоир бо номи «Биё, думбураам», «Васфи диёр», «Модарҷонам», «Боз баҳор омад» рӯйи чопро диданд. Дар қатори онҳо достони «Соҳибқирон Темурбек» ҷойгоҳи худро дорад. Достон ба Амир Темур бахшида шуда, чун эҷодиёти даҳонакии халқ, бо услуби бахшӣ-оқинҳо офарида шудааст.

Баъди вохӯрӣ бо роҳбари давлат дар ҷашнвораи овозхонии бахшиёна, ки 5-10 апрели соли 2019 дар шаҳри Тирмиз баргузор шуд, дар дили шоир муҳаббат ба Ватан бештар гардид. Ба равнақи санъати бахшигарӣ, ки сарчашмаи ҳаётбахши маданияти халқ ба шумор меравад, мавқеъ ва аҳамияти он дар ташаккули маданияти миллӣ, тарбияи ҷавонон дар руҳи ватанпарварӣ, омӯхтани мероси таърихӣ ҳиссаи чунин бахшӣ-шоирон калон аст.

Малика НАҶМИДДИНОВА,
роҳбари экскурсияи ансамбли Регистон.

Соли рушди илму маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ

МОЛ АЗ БАҲРИ ОСОИШИ УМР АСТ...

Агар кардӣ нигаҳ бар пораи санг,
Зи файзи орзуи ту гуҳар шуд.
Ба зар худро масанҷ, ай бандаи зар,
Ки зар аз гӯшаи чашми ту зар шуд.

Муҳаммад Иқболи ЛОҲУРӢ

Бино ба ривояте, одам вақте пулро ихтироъ намуд, шайтон чил шабонарӯз ид кард, ки акнун ин мавҷуди худхоҳ аз қолиби инсонигарӣ хоҳад баромад. Воқеан, вақте ба умқи бисёр низоъву кушторҳо фурӯ меравед, мебинед, ки сабаби онҳо пул, молу чиз, яъне сарвати моддист. Баъзе давлатҳои абарқудрат ба рӯ ниқоби хайрхоҳӣ кашида, ба мамлакатҳои заиф дасти таҷовуз дароз мекунанд, ки ҳадафи ниҳоии ин таҷовузҳо низ суди моддист...

Дар гирдиҳамоиҳое вақте сухан аз сарвати моддӣ ва маънавӣ ба миён меояд, на ҳама идрок менамоянд, ки инҳо чӣ сарватанд. Сарвати моддӣ ва маънавиро наметавон аз якдигар ҷудо тасаввур кард.

Хуб, сарвати моддӣ чист? Аз дидгоҳи инҷониб хонаву ҷой, пул, зару зевар, либосворӣ, ғизо, мошину чорво ва дигар амволе, ки барои хуш гузаронидани умр мусоидат менамоянд, сарвати моддиро ташкил медиҳанд.

Илму дониш, таҷриба, фарҳанг, дину мазҳаб ва афкору ақоиде, ки аз ниёгон боқӣ мондаанд, истеъдоди фитрӣ ва донишҳое, ки имрӯзиён дар зеҳн доранд, сарвати маънавӣ ба шумор мераванд.

Дар боло изҳор доштем, ки сарвати моддӣ ва маънавиро аз якдигар ҷудо тасаввур наметавон кард. Инро чӣ хел бояд фаҳмид. Масалан, дар дукони китоб сарвати маънавӣ – «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ мавҷуд аст. Вале барои харидани он бояд маблағи кофӣ дошта бошем. Ё бигирем, барои ба даст даровардани сарвати маънавӣ – дар курсҳои махсус омӯхтани забони англисию русӣ ва дигар забонҳо, бояд маблағи зарурро бипардозем. Дар мавриди таҳсил дар донишкадаву донишгоҳҳо низ инсон ба сарвати моддӣ ниёз дорад. Ҳамчунин, сарвати маънавӣ – дониш ва таҷрибаву малака, бе сарвати моддӣ – ғизо ба даст наояд. Яъне, дар ин вақт бояд шиками инсон сер бошад, ки маншаи нерӯ аст.

Умри инсон, аз он, ки як қисмаш бо хоб мегузарад, кӯтоҳ аст. Вай дар тӯли ин умри кӯтоҳ сарватманду муқтадир будан мехоҳад. Биноан, қисмате аз инсонҳо ба дунболи сарвати моддӣ, қисмате ба дунболи сарвати маънавӣ мераванд. Ин ду гурӯҳ, мисли обу оташ, ҳеч бо ҳам намесозанд, байни онҳо ихтилофи доимӣ вуҷуд дорад. Суоле ба миён меояд, ки аз ин сарватҳо кадоме беҳтар аст: сарвати моддӣ ё маънавӣ? Дар боло гуфтем, ки онҳо бе якдигар тасаввурнопазиранд. Оё метавон рушди иқтисодиётро бе рушди илму дониш ва технологияи нав тасаввур кард?

Таассуф, ки имрӯз моддият дастболост ва маънавият рӯ ба таназзул ояндааст, хусусан, қашшоқии маънавии ҷавонон дар ҳар қадам эҳсос мегардад, аксарияти онҳо таҳаммулнопазиранд, сабукфикру зудбоваранд, доираи ҷаҳонбиниашон танг аст, аз манбаи сарвати маънавӣ – илму дониш ва китобхонӣ хеле дур шудаанд. Иллат дар кӯҷост? Ба фикрам, дар низоми таълиму тарбия аст. Сарвари мамлакат ҷон мекоҳад, ки ин холигоҳи маънавиро пур кунад. Доир ба беҳсозии низоми таълиму тарбия қарору фармонҳо доир менамояд, мардумро ба китобхонӣ даъват месозад, соли равонро Соли рушди илму маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ эълон кардани ӯ низ идомаи ин такопӯҳост. Бошад, ки илму маърифат рушд кунад...

Аҳли илму дониш ба беш аз андоза гирд овардани молу сарват эътибор надодаанд. Кадоме аз шоирони классик ба ин маънӣ фармудааст:

Бузургон накарданд
парвои мол,
Ки амволро рӯзе
ояд завол.

Ҳаҷ бар ҷониби пири пандгӯёни дунё Шайх Саъдист, ки фармуда: «Мол аз баҳри осоиши умр аст, на умр аз баҳри гирд овардани мол».

Сарвати моддӣ, бигирем пул, ё ҳарҷ мешавад, ё онро дузд мерабояд, либос бо мурури вақт куҳна мешавад, автомобил ё аз кор мебарояд, ё бар асари садама ба оҳанпора табдил меёбад, ғизо низ имрӯз бошад, фардо нест... Баъдан, сарвати моддии беш аз андоза ҳузуру ҳаловатро аз байн мебарад, инсонро аз меҳнат ва ҳаракати ҷисмонӣ, ки маншаи тандурустист, то ҷое бозмедорад, садди роҳи ҷамъоварии сарвати маънавӣ мегардад, дар байни бародарон хусумат меангезад, пояҳои ахлоқи ҷомеаро суст мегардонад. Ривоят мекунанд, ки марде се писар дошт. Онҳо шабу рӯз ба дунболи моли дунё мегаштанд, танҳо дар вақти зурурат аз ҳоли падару модар хабар мегирифтанд, меҳри бародарӣ дар дил надоштанд, ба якдигар мисли бегонагон муносибат мекарданд. Мард аз ин ҳолат ғам меҳӯрд, вақте ба баҳонае гирди ҳам меомаданд, насиҳат мекард, ки моли дунё чирки даст аст, шӯед меравад, ба якдигар меҳрубон бошед, бародарӣ аз ёд набаред. Вале панду насиҳат ба онҳо асар намекард. Пирамард рӯзе бемори бистарӣ шуд, писаронро даъват кард. Онҳо, ба хотири он ки шояд падарашон мерос тақсим мекунад, ба ҳузури ӯ рафтанд. Падар гуфт:

– Писаронам, магарам марг фаро мерасад. Дар сӯрохии девори хонаи шафат амонате гузоштаам. Баъди маро гӯрондан онро ба ҳам бинед.

Фарзандон бо ризоият падарро мегӯронанд ва рӯзи чоруми дафн амонатро меёбанд, ки як чуфт ҷуроби куҳна будааст. Даст ба даруни ҷуроб меандозанд, як пора коғаз берун меояд, ки дар он ин суханон навишта шуда буданд: «Бубинед, фарзандонам, ба ман аз ин дунёи фонӣ ҳамин ҷуробҳоро бурдан ҳам насиб накард. Ба якдигар меҳр варзед, умр бо як мича ба ҳам задан мегузарад». Ин суханон риштаи меҳри бародаронро ба ҳам пайваст...

Эй хушо, онҳое, ки дорои ҳар ду сарватанд. Дар оилаҳои баъзе сарватмандон чунин ҳолатро ба мушоҳида гирифтаем.

Тифл дар зоишгоҳ ба дунё меояд, ӯро бо ду-се мошин ба хона меоранд, вақте сечорсола шуд, бо мошин субҳ ба кӯдакистон бурда, бегоҳ меоранд. То хатм кардани мактаби миёна ин ахвол давом мекунад. Баъди хатми мактаб, барои равво ба муассисаи таълими олӣ, ба ӯ мошини алоҳида харида медиҳанд. Надонистам, ин гуна фарзандон ҷисмонан то кучо обутоб меёбанд, сахтиҳои ҳаётро чӣ хел таҳаммул мекунанд ва захираи сарвати маънавиашон чӣ миқдор аст...

Сарвати маънавии инсонро ҳеч кас аз ӯ рабуда наметавонад, он ҳар қадар бисёр бошад, ба соҳибаш ҳамон қадар бахту саодат меоварад. Донишмандон – сарватмандони қаноатпеша ба сахтиҳои ҳаёт тобоваранд, шебу фарози умрро сарбаландона пушти сар мегузоранд. Зеро онҳо ба умқи ин ҳадисҳои Расули акрам: «Қаноат сармояи тамомношуданист», «Бо қаноат зист кун, то подшоҳӣ кунӣ» рафтаанд.

Чунин ба назар мерасад, ки бемаърифатӣ, аз китоб дур шуданҳо ва дастболо гардидани моддият ҷавонони моро маънан қашшоқ мегардонад. Ин ҷо ба тариқи мисол метавон лавҳаеро аз намоиши телевизионии «Овоза дар маҳалла» («Маҳаллада дув-дув гап», баранда Гавҳар Зокирова) овард, ки ба маърази тамошо гузошта шуд. Ҷавонеро (домоди оянда), ки бо духтар (арӯс) гапаш гурехтааст, ба студия даъват кардаанд. Ҳозирин аз ӯ пурсиданд, ки чаро гапатон гурехт? Шумо якдигарро дӯст медоштаед. Оё мешавад бо баҳонае ночиз ба висоли якдигар нарасид? Ҷавон изҳор дошт:

– Бале, мо якдигарро дӯст медорем. Мушкилӣ дар либоси арӯсии сафед ва фата аст (онро ба орият мегиранд), ки ду ҳазор доллари амрикӣ арзиш дорад. Барилова, баъзе ҷойҳояш бадани арӯсро урён нишон медиҳад. Маҳбубаам мехоҳад, ки шаби тӯйи арӯсӣ маҳз ҳамон либосро дар бар дошта бошад. Дигарашро пешниҳод кардам, хуш накард. Мусоҳибон, барои равшанӣ андохтан ба масъала, ба арӯси оянда занг заданд. Ӯ гуфтаи ҷавонро тасдиқ намуд, ки ин ҳодисаи нишотбахш дар тӯли умри ӯ як бор рух медиҳад. Биноан мехоҳад, дар шаби базми висол айнан ҳамон либосро дар бар дошта бошад...

Суоле ба миён меояд, ки духтар ба кӣ ба шавҳар баромадан мехоҳад: ба ҷавони дӯстдоштааш ё ба либоси арӯсии гаронбаҳо? Шояд духтар бо маслиҳати мисли худ ягон дугонаи сабукфикраш ин қадар истодагарӣ мекунад. Вақте ба суҳбат хоҳарбузурги ӯро кашиданд, вай ҳам хоҳарашро ҷонибдорӣ кард. Агар он духтар ва хоҳарбузургаш аз ин ҳадисҳои Расули акрам огоҳӣ медоштанд: «Зане, ки харҷаш аз ҳама занон камтар бошад, баракаташ аз ҳама бештар аст», «Муъмин камхарҷ аст»... имкониятҳои моддии ҷавонро ба назари эътибор мегирифтанд.

Таассуф, чунин ҳодисаҳое, ки аз бемаърифатӣ ё каммаърифатии ҷавонон ва бузургсолони мо дарак медиҳанд, кам нестанд. Сабаби зиёд пошхӯрии оилаҳои ҷавон ва гумроҳии онҳо магар суст шудани пояҳои ахлоқ, бемаърифатӣ ва дастболо гардидани моддият нест?...

Шахсан, инҷониб, ҳарчанд имрӯз мӯд шудааст ва манъ кардани он амри муҳол, фатаро сарандози арӯсии миллӣ намеҳисобам. Мегӯянд: ҳар чӣ, ки собиқа дорад, оянда дорад. Агар ба гузаштаҳои дуру наздикамон назар афканем, либосҳои арӯсии зиёде пеши назар меоянд. Ба ҷуз ин, сандуқи момоён ва осорхонаҳои мо пур аз либосҳои арӯсиянд. Магар тарҳсозони (моделсозон, дӯзанда) тоҷику ӯзбек онҳоро ба талаби замон мутобиқ гардондан наметавонанд? Ба фикрам, агар дастандаркорон ва тарҳсозон бихоҳанд, бо назардошти талаби замон либосҳои арӯсии олии миллиро дӯхта метавонанд. Агар либосҳои арӯсии миллии мо олӣ дӯхта шаванд, бешубҳа, арӯсшавандагони Аврупо ва дигар қитъаҳо низ дар шаби висол пӯшидани онҳоро орзу мекунанд.

Низомии Ганҷавӣ дар мавриде фармудааст:

Дар навмедӣ басе
умед аст,
Поёни шаби сияҳ сафед
аст.

Мо бар онем, ки ислоҳот ва қарору фармонҳои доирнамудаи сарвари мамлакатамон доир ба беҳсозии низоми таълиму тарбия дар муассисаҳои таълими томактабӣ, мактабӣ ва олӣ натиҷаи матлуб медиҳанд ва дар ояндаҳои наздик насле мисли аҷдоди худ бомаърифат ва ҷисмонан солим по ба арсаи ҳастӣ мегузорад.

А. СУБҲОНОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Ба кӯмаки омӯзгорон

АЛОМАТҲОИ ДИАКРЕТИКӢ ЧӢ ГУНА АЛОМАТҲОЯНД?

Дар дарси забони тоҷикӣ маҳорати забондонии ҳар як хонанда дар мадди аввал бояд қарор гирад. Яке аз омилҳое, ки саводи забонии донишомӯзонро ифода мекунад, аломатҳои забонӣ ба шумор меравад. Аксар вақт дар навиштаҳои гуногуни гирду атроф, кӯчаву хиёбонҳо ва ҳатто рӯйи дафтарҳо хатоҳо мушоҳида мешаванд. Аксари хонандагон аз аломатҳои диакретикии забон истифода намебаранд. Аз ҳамин сабаб, маълумотҳои зерро аз бар намудан ва истифода кардан судбахш аст.

Аломат ҳарфе, ки дар калима танҳо бо мақсади муайяни тарзи талаффуз навишта мешавад. Масалан, аломати сакта (таърих, масъала), аломати ист (вергул, дунуқта, сенуқта) ва ғайра.

"Диакретика" калимаи юнонӣ буда, маънои "фарқкунанда"-ро дорад. Гурӯҳи аломатҳои иловагии ҳарфҳо, ки ба тарзи дигар хонда шудани онҳоро нишон медиҳад. Масалан, дунуқта дар болои ҳарфи **"е"**, нимтире дар болои ҳарфи **"у"**, думчаи ҳарфҳои **"к , х , ч"** аломати диакретикӣ буда, талаффузи тамоман дигари он ҳарфҳоро нишон медиҳад: **ё, ӯ, қ, ҳ, ҷ, ғ, ӣ, й.**

Аломати гузариш – навъи дигари аломат буда, аз сатр ба сатр гузаштан мебошад. Дефис, яъне нимтире дар вақти тақсимоти калима ва аз як сатр ба сатри дигар гузаронидан байни ҳиҷоҳо гузошта мешавад. Масалан, **Ӯз-бе-кис-тон**.

Ҳоло на ҳамаи хонандагон ба ин қоидаҳо амал карда, фикрро рӯйи коғаз дуруст меоранд. Албатта, дар ин равия дарси забон мавқеи муҳимро дорад.

Дар дарсҳои забони модарӣ, баробари дигар нозукиҳои забон, аломатҳо ҳам омӯзонида мешаванд. Барои пурра фаҳмонидани аломатҳои диакретикӣ ба донишомӯзон, новобаста ба мавзӯи нақшаи дарс, ба имлои диакретикӣ эътибор додан, самараи хуб медиҳад. Инчунин, ба сифати таҷҳизоти дарсӣ аз рӯзнома, асари бадеие, ки ҳикояҳои хурд дорад, истифода намудан натиҷаи босамар медиҳад. Чунки дар навиштаҳои оддӣ, навиштани рӯйи рӯзномаи рейтингии хонанда ва дафтарҳои даврию назоратӣ зина ба зина хато кам мешавад.

Яке аз сабабҳои аломатҳои диакретикиро дуруст истифода бурда натавонистан аз беэътиборӣ аст. Алалхусус, мо дар калимаҳое, ки ҳар рӯз истифода мекунем, чун забони модарӣ (забони модари), дӯст (дуст), рӯзнома (рузнома) ба хатоҳои зиёд роҳ медиҳем.

Хулоса, ғалатҳои диакретикӣ ва аз сатр ба сатр гузарониданро асосан дар дарси забон омӯзонидан лозим аст. Аммо дар дигар фанҳо ҳам ба ин ҷиҳат эътибор дода шавад, фоидаовар аст. Чунки қисме аз хонандагон мавриди дарси забон дарк мекунанд, вале дар дигар мавридҳо ба имлои калимаҳо беэътибор мешаванд.

Таваҷҷӯҳ ба тарзи навишт, роҳ надодан ба хато, истифодаи дурусти аломатҳои забонӣ дар хонандагон эҳсоси эътибор ва эҳтиромро нисбат ба забони модарӣ ташаккул медиҳад.

Ҳотамалӣ РАҲМАТОВ,
муаллими забон ва адабиёти тоҷики мактаби №11 ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.

ЛӮХТАКҲОИ ОЙДИНОЙ

Дар солим, соҳиби ҷаҳонбинии васеъ ва фазилатҳои хуб ба воя расондани бача бозича ва лӯхтакҳо аҳамияти калон доранд.

Ҳунарманд аз шаҳри Фарғона Ойдиной Бурҳонова дар омода сохтани лӯхтак аз матои миллӣ, ашёи оддӣ ва безарар ба саломатӣ ва олами маънавии тифл то чӣ андоза нафъоварии маҳсулоти худро мавриди эътибор қарор медиҳад.

Бозичаҳои кӯдакон ҳаёти халқро инъикос намуда, баробари яке аз воситаҳои аз аҷдод ба авлод дастраскунандаи арзишҳои маънавӣ будан воситаи муҳими тарбия низ мебошанд. Лӯхтаке, ки аз ашёи хоми табиӣ тайёр карда шудааст, барои саломатӣ ҳам фоида. Хусусан, оддӣ ва содда будани қиёфаи бечирми лӯхтаке, «Зумрад ва Қиммат», «Бӯғирсоқ» барин қаҳрамони афсонаҳо, лӯхтакҳои миллие, ки ӯ офарид, ба ҳама манзур гашт. О. Бурҳонова ба сифати ҳайкалтарош, рассом ва дизайнер дар лӯхтакофарӣ аз услуби худ истифода кард. Чун дигарон аз оҳан ё тугма истифода набурд, ба пахтаи тоза ва матои карбос такя кард. Имрӯзҳо бозичаҳои пластассӣ, ки бо истифодаи ширеш ва коғаз сохта ва бо кашидадӯзию сӯзанӣ ороиш ёфтаанд, ба мактабҳои таълими умумӣ дар асоси шартнома дастрас гардонда мешаванд.

– Дар аснои офаридани лӯхтак, пеш аз ҳама, ба миллӣ будан, нафосат доштани либос ва рангҳо бояд эътибори алоҳида дод, – мегӯяд О. Бурҳонова. – Мехостам фарзандони мо бо лӯхтакҳои таҷовузгари ғарбона ки атлас пӯшида ва ба сар тоқӣ гузоштааст, ба психологияи кӯдак таъсири мусбӣ мерасонад.

Ойдиной иқтисодчӣ бошад ҳам, муҳити эҷодии оила ва таваҷҷӯҳ ба анъанаи аҷдод ӯро ба олами лӯхтак раҳнамун сохт.

Дар ин роҳ бисёр ҷустуҷӯ кард, ҳонд. Бо расмҳои кашида ва тавсияҳои падараш Муҳаммадҷонака дар хаёлташ қаҳрамонҳои гуногуни афсонаҳо рӯ менамуданд. не, барҳакс, бо лӯхтакҳои боҳаёву ибои миллӣ дӯст шаванд.

Айни замон дар устохонаи воқеъ дар хонадони О. Бурҳонова фарзандонаш Искандар, Абдуқодир ва Мадинахон ин ҳунарро амиқ омӯхта, худашон ҳам ба таври мустақилона лӯхтак месозанд.

Дар сурат: *ҳунарманд* ***О. Бурҳонова*** *бо духтараш* ***Мадинахон.***

Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).

ХАБАРҲО

Баҳри начоти Арал

Аз ҷониби ваколатхонаи Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид воқеъ дар Ӯзбекистон ташаббуси сабз ва хуррамгардонии доманаи баҳри Арал оғоз ёфт.

Дар иқдоми хайрандешона хоҳишмандон иштирок карданашон мумкин. Ё як доллар ё даҳ ҳазор сӯм. Бо ин миқдор пул як дона ниҳоли саксавулро шинондан ва парвариш кардан мумкин. Барои якҷо ҳал кардани масъалаҳо меморандумҳо ба имзо мерасанд. Тӯли соли 2019 дар минтақа тақрибан 500 ҳазор дона саксавул парвариш ва дар ҳудуди 1150 гектар майдон чӯйборҳо гузаронда шуданд. 60-70 фоиз ниҳолҳое, ки нишонда шуда буданд, имрӯзҳо сабзу хуррам. Боз наздик 100 ҳазор дона саксавул рӯёндан ба нақша гирифта шудааст.

Сабақҳои Эркин Аъзам

Ба таълим ва тарбияи навниҳоли боғи эҷод устодони комил машғул шаванд, айни муддао буд, гуфта шуд зимни вохӯрии Нависандаи мардумии Ӯзбекистон Эркин Аъзам бо алоқамандони адабиёт ва эҷод, ки дар Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон ба вуқӯъ пайваст.

Эркин Аъзамро чун нависанда, драматург ва киносенариянавис хуб мешиносем. Асарҳои дар шакл ва навъ гуногунаш ба дасти хонанда расида ва дар асоси сенариясҳояш филм ва асарҳои зиёди саҳнавӣ офарида шудаанд. Дар тарбияи истеъдодҳо низ саҳм мегузорад. Вохӯрии навбатии адиб як навъ дарси маҳорат ба эҷодкорони ҷавон қарор гирифт, гуфтанд иштирокдорони мулоқот.

Дар доираи вохӯрӣ тақдимоти китоби тозанашри адиб «Боғи нависанда» ба вуқӯъ пайваст.

Вохӯрӣ бо профессори донишгоҳ

Азиза гӯё дирӯзакак дар Институти давлатии шарқшиносии Тошканд донишҷӯ буд. Имрӯз – профессори фахрии ҳамин маскани таълим. Вохӯрӣ бо ӯ дар боргоҳи илме, ки таҳсил гирифтааст, хотирмон сурат гирифт.

Азиза Шоназарова таълими магистратуриро дар яке аз масканҳои таълими олии нуфузноки ИМА фаро гирифт. Дастхатҳои нодири Институти шарқшиносии АУ Ӯзбекистонро ба амиқӣ омӯхт, мавқеи бонувон дар ҷамъиятро чун мавзӯи илмӣ баррасӣ ва дар Донишгоҳи Оксфорд рисола дифоъ намуд. Профессори ин донишгоҳ дар арафаи 8 март аз ҷониби роҳбари давлати мо бо ордени «Дӯстлик» мукофотонида шуд. Аз ҷониби Институти давлатии шарқшиносии Тошканд низ ба унвони «профессори фахрӣ» сазовор шуданаш воқеаи муҳим дар ҳаёти ӯ гардид.

Дар роҳи рушди тарбияи маънавӣ

Баҳри татбиқи қарори Девони Вазирон «Дар бораи чораҳои тасдиқи консепсияи тарбияи маънавии пайдарпай ва амалӣ сохтани он» дар Маркази маънавияти ҷумҳурӣ чорабинии маърифатию маънавӣ таҳти мавзӯи «Падару модарӣ – бахт ва вазифа» рӯйи кор омад.

Мураккаб ва муҳим будани тарбияи фарзанд, нақши падару модарон дар роҳи дурустро интихоб сохтани насли наврас, робитаи оила – мактаб – маҳалла дар пешбарии корҳо, донишҳои педагогӣ, этикӣ, психологӣ, тиббӣ талаб намудани ин кори пурмасъулият таъкид карда шуд. Дар чаҳор самт – тарбияи оилавӣ, таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ, дабистонҳои таълими умумӣ ва мактабҳои олӣ корбаст шудани консепсияи тарбияи маънавии муттасил хотирнишон гашт.

М. ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Кишт ва парвариши заъфарон

Навъҳои гуногуни заъфарон маълум аст. Тахмин мекунанд, ки онро дар Сурия, Эрон ва Осиёи Хурд парвариш кардаанд. Ҳоло заъфаронро чун гиёҳи хушбӯйи ғизоӣ, шифоиву ороишӣ дар бисёр кишварҳои дунё мепарваранд.

Ба наздикӣ як гурӯҳ коршиносони итолиёвӣ ба вилояти Чиззах ташриф оварда, бо роҳбарон лоиҳаи худро, ки 20 миллион доллари Амрико арзиш дорад, муҳокима намуданд. Барои кишт ва парвариши заъфарон дар ноҳияи Бахмал 400 гектар замин ҷудо карда шуд. Мутахассисони ширкати «ORERA SR»-и Италия таркиби хокро меомӯзанд. Корҳо ҷараён доранд.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти ЧИЗЗАХ.

ЗИ НАВ ОМАДА НАВРӮЗ

Баҳор фасли таровату тозагӣ, шукуфоиву зебой аст. Наврӯз фарорасии ин фасл ва паёмовари ҳамаи орзуву омоли инсон мебошад. Ҳамчунон ки шеърро аз шуур наметавон ҷудо кард, Наврӯз низ аз баҳору табиат ҷудонопазир аст.

Таваҷҷуҳи халқ ба Наврӯз бесобиқа аст ва баҳору Наврӯзро бидуни шеъру суруд наметавон тасаввур кард. Шояд дар тӯли таърих дар васфи ҳеҷ ҷашне мисли баҳору Наврӯз ин қадар зиёд шеъру тарона насуруда бошанд.

Сурудҳои баҳорӣ баёнгари онанд, ки дар ҳар ҳолате баҳорро гиромӣ доштаанд ва ба ақидаи фолклоршинос Додоҷон Обидов «баҳор фасле аст, ки аз оғози соли нав, зиндагии нав, аз талошҳои тоза ва пурсамар ва махсусан, аз оғози кору фаъолиятҳои нав ва ҷунбишҳои нав навиде меоварад ва мардумро ба сӯи корнамоиҳо ва комёбии нав ҳидоят менамояд».

Мардум ҳамеша баҳор ва Наврӯзро гиромӣ доштаанд ва фаро расидани ин арӯси солро бо шодию хушнудӣ пешвоз гирифтаанд ва таровату зебоии баҳорро дар суруду таронаҳои худ бо самимият ифода намудаанд:

Фасли Наврӯз омаду саҳро ҳама шуд
лолазор,
Шодмонӣ дар дили пиру ҷавон шуд
барқарор.
То шавад роҳат муяссар мардуми бечораро,
Бо каланду ҷуфт деҳқон мешавад
машғули кор.

Дар баҳор замин қолини сабзро ба бар карда, табиатро ҳусни дилангезу ботаровате мебахшад, гулҳои зарду сафед, сурху нилгуни баҳорӣ шукуфон шуда, табиатро боз ҳам рангинтару зеботар, оламро дилработар менамоянд.

Устод Садриддин Айнӣ дар бораи баргузории ҷашни Наврӯз дар Бухоро менависад: «Ба сабаби дар аввали баҳор дар вақти ба ҳаракат даромадани рустаниҳо рост омадани ин ид (Иди Наврӯз – **А.Ш.**), табиати инсон ҳам ба ҳаракат меояд. Аз ин ҷост, ки тоҷикон мегӯянд: «Ҳамал – ҳама чиз дар амал». Дар ҳақиқат Наврӯз ҷашни растохези олами хуфта, бедоршавии табиат, оғози корҳои кишоварзӣ ва пайванди ногусастании инсон бо замин мебошад:

Баҳор омад, баҳор омад,
Баҳори лолазор омад.
Ба деҳқон вақти кор омад,
Ба чӯпон тӯли мол омад.
Ҳама гулҳо қатор омад,
Гули савсан савор омад.
Баҳори нав муборак бод!

Воқеан ҳам, бо омад-омади баҳор марди деҳқон синаи заминро омодаи кишт мегардонад ва бо дастони нерӯманди худ ба замин дона кишт мекунад ва дар дил барои бехрӯзӣ ва зиндагии навине ба кори самарабахш умед мепарварад. Бинобар ин, ӯ омадани баҳор ва Наврӯзро бесаброна интизор мешавад.

Дар сурудҳои наврӯзӣ ва баҳорияҳо масъалаи тараннуми баҳор ва тасвири хислатҳои он мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Масалан, дар сурудҳои поён баъзе аз ҷиҳатҳои умдаи табиат иҷмиқос ёфтааст:

Баҳор омад, димоғи андалебон тозаю
тар шуд,
Либоси наварӯсони чаман сабзу
муаттар шуд.

Ё ин ки:

Иди наврӯз омаду олам дигаргун
мешавад,
Ҳар гиёҳе, ки бувад, аз хок берун
мешавад.

Дар сурудҳои боло низ сухан, асосан, аз хусуси таърифу тавсифи хушгуворияҳои баҳор ва фаро расидани он рафтааст. Дар ин суруд зимни шодмонии мардум аз фаро расидани баҳор, дамидани сабзаву аз хок берун шудани гиёҳҳои «бешумор» аз бӯи баҳор «тоза» шудани димоғи андалебон таъкид гардидааст. Ба ифодаи дигар, дар байтҳои болой масъалаи эҳёгари воқеии табиат будани баҳор, бо омад-омади худ ба олами ҳастӣ ҷони тоза ато кардани он васеътар ифода ёфтааст.

Суруду таронаҳои ба ҷашни Наврӯз ва айёми баҳор бахшидаи халқӣ, асосан, мазмун ва мундариҷаи тавсифӣ доранд. Ин гуна шеъру сурудҳо табиати зебо ва манзараи сабзу хуррами баҳориро васф мекунанд. Инчунин, таронаҳои баҳорӣ ва наврӯзӣ тасаввури мардумро дар хусуси табиат, рӯйдани сабзаву шукуфтани гул ифода менамоянд:

Себарга бигуфт: «Рӯйи замин сабза манам»,
Бунафша бигуфт: «Чавони сабзина манам».
Садбарг бигуфт: «Лофи беҳуда мазан,
Дар кокули ошиқони пурғамза манам».

Дар як қисми сурудҳо бо шодию нишот Наврӯзро пазирой кардани мардум, ғанимат донистани лаҳзаҳои хуше, ки Наврӯз ба армуғон овардааст, бозтоб гардидааст:

Наврӯз фаро омада бо ахтари фирӯз,
Бо ахтари фирӯз фаро омада Наврӯз...

Сурудҳои баҳорӣ ва наврӯзӣ ба кас рӯҳияи тоза, қувват ва умед мебахшанд, дилҳоро ба ҷӯш меоваранд ва саршор аз шодмонӣ ва фараҳ месозанд. Дар онҳо на фақат ибрози таблиқу таманниёт, самимият ва эҳтироми мардум нисбат ба якдигар, балки рӯҳияи хушбинӣ, шавқу завқ ва эҳсоси муҳаббати онҳо нисбат ба табиат васф шудаанд.

Хулоса, сурудҳои наврӯзӣ ва баҳорияи халқӣ сурудҳои нишотоваранд. Онҳо ғаму андӯҳро аз дилҳо дур мекунанд, умед ва завқи одамонро нисбат ба зиндагӣ ва меҳнат афзун мегардонанд. Ин гуна сурудҳо шукӯҳи ҷашни Наврӯзро меафзоянд, онро ба базми тарабу сурур табдил мегардонанд.

Акмал ШЕРНАЗАРОВ,
устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд.
Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ЎзА).

Фазои зист

БИЁЕД, МЕҲРУБОН БОШЕМ!

Ханда бар лаб, ҳузн дар дил,
Зори як инсони хушгил,
Зори меҳри гарми одам,
Меравам манзил ба
манзил.

Мо дар асри бисту як, дар асре, ки мурғҳои оҳанини азимҷусса ба ҳаво парвоз карда, касро бо бору будаш ба манзилҳои дур дар муддати хеле кӯтоҳ бурда мерасонанд, зиндагӣ дорем. Дар асре мезием, ки тавассути як порча оина (сенсор) аз як гӯша гӯшаи дигари дунёро мебинему гап мезанем. Ачибаш овозу симои мо аз масофае, ки онро, ҳатто оҳанҳои болдору тезпарвоз соатҳои зиёд тай мекунанд, дар сонияе мерасад.

Оре, олимони даврони мо муҷизаҳои зиёде ихтироъ намуданд ва аз ин рӯ асри бисту якро асри техника номиданд. Аммо... вале... лекин... Агар ақлу тамизи мо, донишу ҷаҳонбинӣ, маданияту маънавият ва меҳру оқибати мо — одамҳо низ баробари ин ихтироъҳои муҷизавӣ ривоҷ меёфт, шояд ин кашфиёти оламшумул боз ҳам бештару беҳтар манфиат мебахшиданд. Шояд.

35 сол муқаддам дар ноҳияи Сӯх аҳолӣ хеле кам, аммо меҳру оқибат хеле зиёд буд. 35 сол муқаддам дар мо мошинҳо хеле кам, вале аз они ҳама буд. 35 сол муқаддам дар мо хонаву деворҳои одамон пасту тангу торик буданд, лекин мардум дили васеъ доштанд.

Давраи бачагии мо ба ана ҳамон солҳо рост омадааст. Хонаи ҳамаи аҳли деҳа хонаи ҳамаи мо — бачаҳо буд. Рӯзро бо бозӣ дар хонаҳои якдигар торик мекардем. Бачаи соҳибхона чӣ чизе хӯраду нӯшад, ба мо ҳам мерасид. Миннат кардану аз они ману аз они ту гуфтанҳо набуд. Ҳамсояҳо шабона ба хонаҳои ҳам ҷамъ омада, соатҳои зиёд суҳбатҳои гарму самимӣ мекарданд. Ачаб айёме буду ачаб ҳаловате дошт...

Ҳоло 35 сол дар ноҳия аҳолӣ хеле-хеле зиёд шудааст, аммо меҳру оқибат ҳамон андоза кам.

Мошинҳо зиёданд, аммо аз они соҳибашон.

Ҳоло аз он хонаву деворҳои пасту гилини тангу тор асаре ҳам намондааст. Ҳама маданиву замонавӣ шудаанд. Хонаву дари ҳама боҳашамат, деворҳо баланду сангину бетонӣ, роҳравҳо мумфаршу тозаву озода, дарвозаҳо пурнақшу баланду боло.

Аммо... чун назди ин дарвозаҳои баланду боло меравед, ба даромадан истиҳола мекунед, пеши назаратон соҳибхонаи туршрӯ падидор мешавад...

Айёми бачагӣ падари раҳматиам мегуфтанд: хонаат боҳашам бошаду як кас ба он беистиҳола даромада, чой хӯрда натавонад, вай хона хона нест. Имрӯз исботи гуфтаҳои ӯро бо чашмони сар мебинам: ҳама хонаҳо боҳашаму дабдабанок, аммо озодона даромадану озодона нишаста ҳузуру ҳаловат бурдан хобу хаёл аст.

Мо ба дарачае «маданӣ» шудем, ки бозии бачаҳо дар ҳавлии ҳамсояҳо аз байн рафт: – Вай бачаи ҳамсоя шӯх, бо вай бозӣ накун, ҳама ҷоро расво мекунад..., – гуфта дар дили фарзандонамон ба ҷойи меҳру оқибату ҳурмату иззат эҳсоси бадбиниву нафратро афзудем. Ин аст, ки фарзандони мо алҳол бо якдигар бераҳмона ҷанг мекунанд, якдигарро ваҳшиёна мезананд. Ва фикр мекунам, ки гуфтаи волидонро писанд накардаву ба онҳо гап гардондани писару духтаронамон низ меваи ҳамин тарбия аст.

Оиларо барои чӣ муқаддас мегӯянд? Барои он, ки одам дар он ташаккул ва камол меёбад. Лекин...

Мо қариб, ки ҳама дарахтони мевадеҳ парвариш мекунем. Мутахассис оварда, шоху шиббаашро мезанонем, шакл медиҳем, то ки меваҳои бенуқсу хуб диҳад. Охир меваҳои хубу аълосифат даромади хуб меорад. Саривақт об медиҳем, дору мезанем. Вале ба фарзандамон ин қадар эътибор намедиҳем. На аз мутахассис маслиҳат мепурсему на худамон шакл медиҳем. Ҳол он ки меваи асосии мо онҳоянд.

Мегӯянд, ки агар таомро бо меҳр пазед, ширин мешавад. Ҳамин хел агар фарзандонро ҳам бо меҳр калон кунем, ҳосили ширин медиҳанд. Танҳо ҳамин меҳру меҳрубонӣ метавонад садди роҳи ҳар гуна бадиву бадкориҳо, душманиву бадбиниҳо, дуздиву ғоратгариҳо ва оқибатҳои нохуш гардад. Барои ҳамин, биёед, меҳрубон бошем, азизон!

Аҳрори МАҲМУДЗОД.
Вилояти ФАРҒОНА.

«ШОИР АНДАР СИНАИ МИЛЛАТ ЧУ ДИЛ...»

ё назаре ба ашъори Лоиқ Шералӣ

Хирадмандон гуфтаанд, ки мардони бузург зодрӯз доранду рӯзи вафот не. Лоиқ 20-уми моҳи май зодрӯз дошт, риштаи умраш дар айни камолот бемаҳал канда шуд, аммо аз ҳуд мероси адабии гаронбаҳо боқӣ гузошт. Хонандагони донову хушзавқ ашъори ӯро хуш пазируфтанд. Лоиқ дар таъриҳи адабиёт ба сифати шоири бедордил ва хушгуфтору тозабаён абадулабад монд.

Ӯ ба арсаи адабиёт солҳои шасту ҳафтод қадам ниҳод ва ҳудро чун шоири навовар шиносонид. Муҳимтар аз ҳама Лоиқ аз мавзӯи мавҳум ва умумигӯӣ, суханбофию қофиябозӣ парҳез кард, ба зиндагӣ ва рӯйдодҳои давру замон бо диди тоза назар андохта, ба дилҳо роҳ ёфт, ашъораш афкори хонандаро ба ҷунбиш овард, ҳиссиёти ҳудҷӯиву ҳудёбии ӯро бедор кард.

Нависандаи маъруф Сорбон дар ёдбуди ҳуд нисбати Лоиқ навиштааст, ки «Дарки шеър, қабули хотиру лутфи сухан ва ҳустодона ҳуфта тавонистан дар рагҳои хуни Лоиқ ҷараён дошт. Шеъри ӯро мефаҳмам, ҳадафи орзую армонашро низ.

Ин ҳамон ҳадафи пешиниён бувад, ки дунёро софу пурнур ва одамро пок дидан мехостанд». («Адабиёт ва санъат», 25-уми октябри соли 2018).

Лоиқ «носозгорӣ» ва «нобарорӣ»-ҳоро пеш аз ҳама дар табиати мураккаб ва мухолифи ҳуди инсон ҷуст.

Аз ин ҷост, ки дар ниҳоди қаҳрамони лирикии ӯ ду қувваи ба ҳам зид – «он яке ором, дигар исёнкор» ниҳон аст:

Яке оқил, дигар ҷоҳил,
Яке фарди ҳавочӯе, дигар ошиқ.
Яке масту дигар ҳушёр,
Яке лоиқ, дигар барҳаксе нолоиқ...

Ба қавли ӯ шоири равшандил бояд оламу одамро бо хонанда шиносонад, дилҳои торику тираро рӯшан кунад:

Гетиро хуршед агар равшан кунад,
Синаҳоро кори шеъру шоирист.

Қаҳрамони лирикии Лоиқ фарди хирадманд, ҳаётдӯст асту қадршинос. Хуб фаҳмидааст, ки «дар дунё ҳеҷ ганҷе беҳ зи ҳастӣ, умри одам нест». Ин қаҳрамон ба инсони хирадманд дилбастагӣ дорад, ҳудро бо мардум, аҳли ҷомеа ҳамтақдир медонад. Вай аз «мӯсафедони ҳудотарсу баор, бесавод, аммо омӯзгори сад омӯзгор ва шафоатҳои кампирҳои нимҷон, вале ҷоннисор сӯҳтан ва пухтан» омӯҳтааст ва умри инсонро «ганҷи бебаҳои дунё» гуфтааст, зеро «зиндагӣ бебозгашт, дам ғанимат, одам ғанимат аст». Қаҳрамони лирикӣ одамдӯст, инсонпарвар, дилсӯзу ғамгусор аст, ба инсон аз дидгоҳи пок менигарад.

Чу як пири хирад мирад,
бимирад ҷумла осорам.
Чу як ҳамсоли ман мирад,
гаронтар мешавад борам.
Агар пойи касе лаҗҗад,
хуни дил меҳӯрам шабҳо.
Ки гӯй ман хатокорам,
ки гӯй ман гунаҳгорам...

Паҳлӯи дигари «дилсӯзӣ»-и ин қаҳрамон ба ҳама «нағмаи ноҷӯр, тинати бенур, сари холию мағрур, тани ба зоҳир солору босавлат, вале дарунковоку пӯсида» нигаронида шудааст. Аммо вай ба ҳоли чунин ашхос намехандад, сарзаниш намекунад, баръакс таассуф меҳӯрад.

Ба қавли шоир шебу фарозҳои зиндагӣ ва табиати инсон мураккаб аст, барои ба он сарфаҳм рафтан каси гаҳе «зин савору гаҳе зин ба пушт» талошу ҷустуҷӯ дорад. Бузургии инсон дар он аст, ки метавонад «бо пойи чӯбин» ҳам пастию баландиҳои ҳаётро тай намуда, ба мақсуд бирасад.

Лоиқ ба мавзӯи азалии адабиёт – ахлоқи иҷтимой рӯ овард, ваҷҳи заминии онро ба қалам дод, ҳаёти инсон, фаъолиятмандии иҷтимоии ӯро дар шуури ҳудшиносӣ ва ҳудогоҳии ӯ дониста гуфт, ки одам ҳар чӣ қадар ҳастии ҳудро фаҳмад, ҳудро дарёбад, оламро дарёфтан осон мешавад. Чунончӣ «Зафар дар хештан ҳам қаҳрамонист».

Агар ҳудро шиносӣ ту,
агар ҳудро гудозӣ ту,
Агар ҳудро бичӯиву биёбӣ
андар ин дунё,
Биёбӣ ҳар чӣ меҷӯӣ,
Шиносӣ ҳар чӣ нашносӣ.
Расӣ ба ҳар кӯчое, ки бихоҳӣ
эй дилогоҳ.

Ё ҳуд:

Дар фалак ҷустан ситора
санъат асту дар замин,
Хештанро гум накардан низ
санъат будааст.

Аз дидгоҳи Лоиқ баландиҳои инсон, миллат, халқ дар кӯҳҳои осмонбӯс набуда, дар баландии маънавиёт ва рӯҳи ӯст. («Баландиҳои мо дар кӯҳи мо нест, баландие баланд зи рӯҳи мо нест»).

Қаҳрамони лирикӣ шахси пурбардошт ва сипосгузор аст ва он чиро, ки зиндагӣ, толеъ ба вай доду надод – ҳам ширину ҳам талх, ҳам хубу ҳам бад, қаноат мекунад, аз омаду ноомади бахт наменолад:

Шукр гӯям зиндагиро бо ҳама
ширину талх,
Шукр гӯям зиндагиро бо ҳама
неку бадаш.
Шукр гӯям қисматамро бо ҳар он
чӣ ҳасту нест,
Шукр гӯям бахтро бо омаду
ноомадаш...

Лоиқ дар баёни мавзӯи ватандорӣ аз умумигӯии суфташуда ҳуддорӣ намуд, ҳисси меҳри Ватанро дар суханҳои самимӣ ва равиши эҷодии озодона ифода кард:

Шоирӣ аслан ватандорӣ бувад,
На суханбофӣ ба мавзӯи Ватан.
Шоирӣ он аст, ки бо савқи шеър,
Беватанро оварад сӯи Ватан...

Қаҳрамони лирикии шоир ошиқест, ки танҳо як дил дорад ва он аз ишқи дилбар саршор аст. Ин аз ошиқ ҳамсари умр меҷӯяд, аз саркашии маҳбуба намеранҷад, баръакс ба вай шодмонӣ, бахт орзу менамояд:

Дили ман нест чу обе,
ки ба ҳар чӯй равад,
Дили ман нест насиме,
ки ба ҳар сӯй давад.

***

Агар тақдири ман ба
ту набошад,
Ба ҳар ҷое,
ки бошӣ зинда бошӣ...

Бале, Лоиқ соҳиби табъу истеъдоди ҳудодод буд. Аз суҳбатҳои Лоиқ дар Иттиҳоди нависандагон ва маҷаллаи «Садои Шарқ» бисёр баҳра бурдаам. Ҳар гоҳ ба Маскав ояд, аз ҳоли мо — аспирантон хабар мегирифт, аз вазъи адабиёт, ғановати забони тоҷикӣ ҳарф мезад, шеър мехонд, пуштибон ва ҳидоятгари забони модарӣ буд. Лоиқ аз баҳри сухан дурру гуҳар чида ба дилҳо ҷо кард, ба олами шеър, фарҳангу миллат барқосо ворид шуду дареғ, ки дунёро барвақт падруд гуфт.

Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ фармудааст:

Шоир андар синаи миллат
чу дил,
Миллати бешоире анбори гил.

Лоиқ Шералӣ умре дар синаи миллати тоҷик мисли дил тапидан дошт.

Мардон ШАРОФОВ,
номзади илмҳои санъатшиносӣ.

Имрӯзҳо дар ноҳияи Бағдод 53 муассисаи таълими томактабии давлатӣ ва 38-то ин гуна муассисаи ғайридавлатӣ фаъолият мебаранд. Дар соли 2020 дар ноҳия бо ташкил кардани боз 30 боғчаи оилавӣ ба 60 фоиз расонидани миқдори умумии ҷалбнамоӣ ба муассисаҳои томактабӣ ба нақша дароварда шудааст.

Ба наздикӣ дар ҷамъомади шаҳрвандони маҳаллаи «Ӯзбекистон» муассисаи нави томактабӣ ба истифода супурда шуд. Дар боғчаи бачагона бо 150 ҷой тамоми қулаиҳо мавҷуд. Дар толори консертӣ, ошхона, хонаи машғулот, хонаи истироҳат шароитҳои хуб фароҳаманд. Дар ин ҷо дар доираи «Қадами аввал» 60 нафар хурдакакон ба таълими ибтидоӣ ҷалб карда шудаанд.

Дар сурат: *дар муассисаи таълими томактабии рақами 6-уми ноҳияи Бағдод.*

Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).

Санҷиши қалам

МОДАРАНДАР

(Ҳикоя)

(Охираш. Аввалаш дар шумораи гузашта).

Рӯзи дигар амаки Азиз ва хешону пайвандон барои машварат ҷамъ шуданд ва қарор доданд, ки субҳи рӯзи якшанбе роҳи деҳаи Баландкӯхро пеш мегиранд. Меҳмонони нохондаро модари Хумор пешвоз гирифт. Хумор дар айвони оинабандии хонаи шафат ҷомашӯй мекард. Меҳмонони ношиносро аз тиреза диду гапи Суҳроб ба ёдаш расида, тахмин кард, ки кампир модари ӯст, мӯйсафед шояд ягон хешаш бошад. Зуд дар плитаи газ чой монд. Ин ҳангом модараш расида омад ва ба мазмуни инҳо кистанд, ба Хумор нигарист. Надонам, очаҷон, меҳмон атои Худо гуфтаанд. Шояд худашон гӯянд, ки кистанду барои чӣ омадаанд. Равед, меҳмононро танҳо нагузоред.

Хумор хоҳаркалону янгаҳояшро, ки чанд хона аз онҳо дуртар мезистанд, даъват кард. Даст ба даст дода палави девзира тайёр карданд. Фурсате нагузашта бародарону ҳзнааш низ аз дар даромаданд. Баъди хӯрдани ош ва шиносонидани ҳуду модари Суҳроб, амаки Азиз гап сар кард: – Раҳмат, оши хеле бамазза шудааст. Мизбонони азиз, мо бо нияти нек ба хонаи шумо омадем.

Сипас, баъди саргузашти момои Давлат, келинаш ва Суҳробро нақл кардан, афзуд: "Хоҳарам, Шарифамоҳ, шумо бо номи Хумор духтаре доштаед, ки ду сол қабл аз қазо шавҳараш фавтида будааст. Худо раҳмат карда бошад. Фикр мекунам, ки азоби каси ҳеҷ ҳаёт ҳаёт ҳаёт